## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ҳусайнзода Шуҳрат Абдукарим дар мавзуи «Санадҳои байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, пешниҳод шудааст.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Баррасии масъалаи ҳамбастагии мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллӣ (дохилидавлатӣ) дар марҳилаи кунунии ташаккул ва рушдӣ низомҳои ҳуқуқии ҷаҳони муосир на танҳо барои дарки амиқи ҳадафҳои назарияи ҳуқуқ ва давлат, балки ҷиҳати таъмини ҳамоҳанги ва самаранокии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар амалияи ҳуқуқӣ низ зарурат дорад. Дар шароити кунунии рушди низоми ҳуқуқии Тоҷикистони муосир, зарурати таҳқиқ ва дарёфти усулҳо ва равишҳои нави илмӣ ҷиҳати ҳалли масъалаҳои марбут ба нақши принсипҳои умумиэътирофшуда ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми илми ҳуқуқшиносӣ ба миён меояд. Ин усулҳо ва равишҳо на танҳо ба фаъолияти субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, балки ба фаъолияти субъектҳои ҳуқуқи миллӣ, аз ҷумла мақомоти давлатӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки дар татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ иштирок менамоянд, дахл доранд.

Аҳаммияти масъала дар замони муосир аз вобастагии дуҷонибаи байни низомҳои ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалӣ, ки бо ҳам таъсири мутақобила доранд, бармеояд. Дар ҳуқуқи муосир усул ва роҳҳои амиқи мутобиқсозии меъёрҳои шартномаҳои байналмилалӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ бо санадҳои ҳуқуқии миллӣ ҳанӯз пурра муқаррар нагардидаанд.

Дар амалия, бештар истифодаи якҷоя ва ҳамоҳангшудаи меъёрҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ мушоҳида мешавад. Ҳатто дар ҳолатҳои ба миён омадани ихтилоф миёни ин ду низом, тамоюл ба ҳамоҳангсозӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои таъмини мутобиқати онҳо ба назар мерасад. Ин ҳолат гувоҳи он аст, ки дар марҳилаи кунунӣ санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва ҳуқуқи миллӣ на ба мухолифат, балки ба иртибот ва ҳамгироӣ майл доранд.

Дар шароити ҷаҳонишавии ҳуқуқ ва ҳамгироии ҳуқуқӣ, он санадҳое аҳаммият пайдо мекунанд, ки дар сатҳи ҳуқуқи дохилидавлатӣ, минтақавӣ ва

байналмилалӣ, инчунин дар доираи оилаҳои гуногуни ҳуқуқӣ қабул шудаанд. Дар сурати эътирофи меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, инчунин шартномаҳои байналмилалӣ ҳамчун ҷузъи таркибии ҳуқуқи дохилӣ, шинохти табиати ҳуқуқии ин санадҳо, ки дар доираи созмонҳои гуногун қабул шудаанд, аҳамияти махсус пайдо менамояд.

Бо назардошти ин равандҳо, таҷассум ёфтани принсипҳои умумиэътирофшуда, меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва шартномаҳои байналмилалӣ дар сатҳи конститутсионӣ аҳамияти калидӣ дорад. Зеро баҳсу баррасиҳо ва хулосаҳои илмӣ дар самти шомил намудани ин принсипҳо ва меъёрҳо ба қонунгузории миллӣ, дар маркази таваҷҷуҳи таҳқиқоти ҳуқуқшиносӣ қарор доранд.Дар ин асно мубрамии мавзуи таҳқиқот ҳамзамон дар чунин нуқтаҳои мазкур ифода мегардад:

- Хулосаҳо ва пешниҳодҳои бадастомада дар натиҷаи пажӯҳиш метавонанд барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалии санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ истифода шаванд.

-Хулосаҳо ва нуктаҳои илмии рисола метавонанд дар ташаккули таҷриба ва қонунгузории амалкунандаи миллӣ имконият фароҳам оранд, ки меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи дохилидавлатиро бо воситаҳои мувофиқгардонӣ дар татбиқи ҳуқуқ мутобиқ созанд.

- Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд боиси такмили меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории соҳавӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ гарданд. Ин натиҷаҳо метавонанд тавассути қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ татбиқ карда шаванд, ки дар онҳо меъёрҳои ҳуқуқӣ бо талаботи шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунанд. Дар маҷмӯъ, мавзуи диссертатсияи Ҳусайнзода Шуҳрат Абдукарим дорои аҳамияти баланди илмию амалӣ буда, таҳқиқоти саривақтӣ, мубрам ва анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Ҳусайнзода Шуҳрат Абдукарим соли 2003 шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиноси байналхалқӣ хатм намудааст. Аз соли 2009-2011 ҳамчун ассистент ва аз соли 2011 то инҷониб ба ҳайси муаллими калони кафедраи фанҳои

ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ кору фаъолият мекунад.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ аз 18.11.2016, №1007-3/4 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи фанҳои ҷомеашиносии ҳамин донишгоҳ қабул шудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ 30-юми январи соли 2017, суратҷаласаи №5 тасдиқ шудааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ 10-уми июни соли 2024 №85 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Рисолаи илмии Ҳусайнзода Шухрат Абдукарим аз номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаб иборат мебошад.

Рисолаи илмӣ бо такя ба афкор ва осори илмӣ-пажӯҳишии олимони маъруфи ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаҳои назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат, назарияи умумии ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон, таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва ҳуқуқи маданӣ асос ёфта, нуктаҳои асосии пажӯҳиш бо истифода аз равишҳои илмии олимони ҳуқуқшиносии ватанӣ ва хориҷӣ коркард шудаанд.

Дар **муқаддима** мубрамии масъалаи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объекти таҳқиқ, мавзӯъ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Боби якуми рисола **«Низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои инкишофи он»**-ро дар бар гирифта ба таҳлили ҷанбаҳои муҳими ташаккул, рушди минбаъда ва такмили низоми ҳуқуқии кишвар бахшида шудааст. Дар он тамоюлҳои асосии равандҳои қонунгузорӣ, таъсири давлат чун институти сиёсӣ, конститутсия ва омилҳои сиёсиву иҷтимоӣ, ки ба низоми ҳуқуқӣ таъсир мерасонанд баррасӣ гардидаанд. Муҳаққиқ иброз медорад, ки омилҳои умумиэътирофшудаи такмили низоми ҳуқуқӣ, аз ҷумла зарурати ислоҳоти ҳуқуқӣ, мутобиқсозии қонунҳо ба

стандартҳои байналмилалӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷомеа ва таҳкими волоияти қонун асоси таҳлили боби мазкурро ташкил медиҳанд.

Боби дуюми диссертатсия **«Модели санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ' дар низоми қонунгузории Тоҷикистон»** номгузорӣ шуда, ба таҳлили муносибати байни ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Таъсири мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ дар заминаи низомҳои ҳуқуқии кишварҳои муосир баррасӣ шуда, равишҳои мутобиқсозии қонунгузории миллӣ бо талаботи байналмилалӣ тавсиф мeёбанд. Ҳамзамон, муаллиф шаклҳои таҷассуми принсипҳои умумии ҳуқуқи байналмилалиро дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон шарҳ дода ҳамгироии онро тавассути қонунгузорӣ ва амалияи судӣ асоснок намудааст.

Дар боби сеюм ба масъалаи **«Табиати ҳуқуқии санадҳои созмонҳои байналмилалӣ ва мақомотҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ)»** бахшиад шуда, дар таҳлили хусусият ва аҳамияти табиати ҳуқуқии санадҳои аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ, махсусан ИДМ қабулшуда мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор дода шудааст. Дар ин боб нишон дода мешавад, ки санадҳои мазкур дорои табиати ҳуқуқии мушаххас буда, вобаста ба навъ ва сохтори созмон, метавонанд ҳатмӣ ё тавсиявӣ бошанд. Ҳамзамон, таъкид мешавад, ки Тоҷикистон ҳамчун узви ИДМ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ, вобаста ба уҳдадориҳои ба зимма гирифтааш, баъзе аз ин санадҳоро ба қонунгузории миллӣ ворид месозад.

Хулоса ва натиҷаҳои диссертант мушаххасан банд ба банд ҷамъбаст шудааст ва мазмуни ягонаи силсилавии корро инъикос мекунад. Феҳрести адабиёт мутобиқ ба мавзуи матраҳшуда буда, истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудааст.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади таърихӣ, назариявӣ ва таҳлилҳои илмӣ мустаҳкам шудаан. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллмф дар конфиренсияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилаӣ инъикос ёфтааст.

Хулоса диссертатсияи Ҳусайнзода Шуҳрат Абдукарим таҳти унвони «Санадҳои байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30

июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби бақайдгирӣ ва таҳияи диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493) ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя намудан сазовор дониста мешавад ва барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод мегардад.

**Роҳбарӣ илмӣ:**
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
Раиси Кумитаи сохтори давлати ва худидоракунии маҳаллии
Маҷлиси намояндагони
Маджлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ________ **И.И. Камолзода**
**«_3_»__03____2026 с**

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикисон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ
Тел.: (+992) 37 221-59-12
E-mail: Ilhom2005_81@mail.ru

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДАСТГОҲИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Имзои И.И. Камолзодаро тасдиқ мекунам:
мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории махсуси
дастгоҳи Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **Ф.С. Сафарзода**
**«_3_»__03____2026 с**

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикисон,**
**ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ**
**Тел.: (+992) 37 221-33-07**
**E-mail:kadr.parlament.@mail.ru**